## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» ба таҳқиқи муқоисавии яке аз ҳиссаҳои нутқ сифат, аниқтараш сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ бахшида шудааст. Ҳарчанд дар забоншиносии муосир оид ба ин масъала таҳқиқоти мухталиф мавҷуд бошад ҳам, аммо диссертант бо таҳқиқи амиқи навъи сифатҳои аслӣ дар шакли муқоисавӣ байни забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ равшанӣ андохта, дар такя ба назарияи муҳаққиқон маълумотро оид ба таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мукаммал мегардонад.

Дар мавриди аҳамият ва мубрамии мавзуи таҳқиқи Маликов А. Р. қайд кардан зарур аст, ки сифатҳои аслӣ махсуси таркиби забон маҳсуб ёфта, дорои сохтори морфологӣ, синтаксисӣ мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқи он аз нигоҳи муқоиса натанҳо ба муайян намудани монандиву тафовути забонҳои муқоисашаванда нигаронида шудааст, инчунин, ба ифшои то чи андоза ба ҳам наздик ё дур будани тафаккури иҷтимоии соҳибзабонон равона шудааст.

Дар диссертатсия оид ба масъалаҳои назариявию муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ аз ҷониби забоншиносони ватаниву хориҷӣ дар алоҳидагӣ таҳқиқоти зиёде ба анҷом расидааст, ки дар рушд ва омӯзиши сифат, махсусан сифатҳои аслӣ мусоидат намудаанд. Аз ҷумла дар осори олимони забоншинос ба монанди В. В. Виноградов, Ю. А. Рубинчик, И.Н.Берёзин, В. Г. Гак, В. С. Расторгуева, И. Королева, Ш. Рустамов, Н. Маъсуми, Ш. Ниёзи, С. Ализода, Шарл Балли, Морис

Гревис, Жак Дамурет, Жан Клод-Шувалие, Мартин Риегел ва дигарон оид ба масоили марбут ба забоншиносӣ маълумоти мукаммал дода шудааст.

Маҳз таҳқиқи луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ яке аз масъалаҳои мубрам ва судманд буда, дар забоншиносии тоҷик дар муқоиса бо забонҳои дигар ба он камтар таваҷҷуҳ шудааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи мазкур ба таҳлил ва таҳқиқи муқоисавӣ- сохтории ҳамин масъала равона гардидааст.

Ҳамин тавр, рисолае, ки муҳаққиқ ба пажуҳиши он даст задааст, «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» унвон дошта, ба яке аз мавзуъҳои мубрами забоншиносӣ мансуб буда, то ҳол хусусиятҳои типологии он дар забонҳое, ки зикрашон рафт, мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор нагирифтааст.

Зимни омӯзиши мавзуи мавриди назар муҳаққиқ рисоларо аз мубрамияти мавзуъ ва то ҳол таҳқиқ нагардидани хусусиятҳои типологии он оғоз намуда, таъкид бар он мекунад, ки мавзуи зикршуда аз ҷониби забоншиносони тоҷику француз дар шакли ҷудогона кайҳо боз пажуҳиш гардида, аммо то ин замон ба масъалаи таҳқиқу таҳлил ва муқоисаи он аз нигоҳи қиёс, махсусан байни забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ рисолае таълиф нагардидааст.

Диссертатсияи мазкур, ки нахустин таҳқиқоти мукаммал оиди таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мебошад, маълумот ва таҳлилу хулосабарориҳои муҳимро фаро гирифта, дорои аҳамияти назариявию илмӣ мебошад. Аз ҷумла, натиҷаи таҳлилу баррасии мавзуи мавриди назар дар омӯзиши масоили гуногуни забоншиносии муқоисавӣ, бо нишон додани шакли сифатҳои аслӣ дар намунаи маводи адабиёти бадеии забонҳои тоҷикию фаронсавӣ ва таҳияи луғату фарҳангҳои марбут ба сифат метавонад истифода шавад.

Саҳми шахсии товталаби илмӣ дар таҳқиқи мавзӯи мазкур дар он арзёбӣ мегардад, ки дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқ – аз ҷамъоварии маводи амалӣ, омӯзиши адабиёт то таҳлилу баррасии онҳо бевосита иштирок намуда, хусусиятҳои мутафовити сифатҳои аслии забонҳои муқоисашавандаро ошкор намудааст.

Мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат намуда, мақолаҳои нашршудаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷмуаҳо муҳтаво ва мундариҷаи асосии мавзуи диссертатсияро инъикос менамояд.

Рисолаи диссертатсионии Маликов А. Р. аз муқаддима, се боб, 12 зербоб ва хулосаву феҳристи адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддимаи рисола сухан дар бораи мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, методи таҳқиқ, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявии таҳқиқ, моҳияти амалии таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, нуктаҳои муҳими рисола, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ ва сохтори рисола меравад.

**Дар боби якуми** рисола «Заминаҳои таҳқиқи сифат дар забоншиносӣ» хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии он дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Зербоби якуми боби мазкур хонандаро бо мафҳуми сифат дар забоншиносӣ ва фасли дуюм бошад ба масъалаи таҳқиқи сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ шинос мекунад. Роҷеъ ба омӯзишу таҳқиқи мавзӯи фавқ муаллифи диссертатсия чунин баён мекунад: “Сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ, дорои хусусиятҳои семантикӣ-маъноӣ, сарфӣ ва наҳвӣ мебошад. Сифат бо исм алоқаи зич дошта, исм агар предмет, ашё ва ё шахсро ифода кунад, сифат ифодакунандаи чигунагии онҳо ба шумор меравад” (саҳ.13).

Лозим ба таъкид аст, ки тавассути матни асари бадеӣ, ки фарогири ҳамаи воситаҳои забонист, мушаххас намудани ҷанбаҳои сохториву семантикии нутқ имконпазир аст. Гузариш аз як навъи гуфтор ба шакли дигар, албатта ба таҳаввули гуногуни сохторӣ, семантикӣ, синтакисисӣ ва ҳатто тағйири имкониятҳои инфиродии овозӣ оварда мерасонад, ки ин нукта дар рисола хеле бамаврид таҳлилу баррасӣ шудааст. Дар фаслҳои минбаъдаи рисола хусусиятҳои сохторӣ ва семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ бо мисолҳои равшану возеҳ ба риштаи таҳқиқи амиқи илмӣ кашида шудаанд.

**Боби дуюми** диссертатсия «Вазифаи семантикӣ-грамматикии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» унвон дошта, дар он сохтори семантикӣ-морфологии сифат, дараҷаҳои сифат, ифодаёбии дараҷаи муқоисавии сифат бо роҳҳои гуногун ба монанди ифодаи он бо роҳи синтетикӣ, ба воситаи таркибҳо ва ғайра таҳлилу баррасӣ мегардад. Дар боби мазкур ҳамчунин бо муқоиса якҷоя омадани пешоянди «аз» дар забони тоҷикӣ ва пешоянди «de»-и муродифи он дар забони фаронсавӣ таҷдиди назар шудааст.

**Боби сеюми** диссертатсия ба «Вазифаи наҳвии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» бахшида шудааст. Муаллиф ин бобро аз таснифу гурӯҳбандии нақши сифат дар забонҳои муқоисашаванда ва тафовути онҳо оғоз намуда, бозтоби ҳар як намуди ҷумларо дар шакли муқоисавӣ шарҳу тавзеҳ медиҳад. Муаллифи рисола тавонистааст, нақши сифатро дар ҷумлаҳои забони тоҷикӣ ва фаронсавӣ таҳлилу баррасӣ намояд.

Натиҷаи таҳлилу омӯзишҳои мавзуи мазкур дар хулосаи умумии рисола ҷамъбаст гардидааст.

Рисолаи диссертатсионии Маликов А. Р. дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосири навишти корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Рисола бо вуҷуди дар сатҳи баланд иншо гардиданаш дар баъзе саҳифаҳои автореферат нуқсонҳо ба назар расидаанд:

1. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва аломати китобӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳ гаштани онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

2. На ҳамаи мисолҳои овардашуда таҳлил карда шудаанд. Агар онҳо таҳлил мегардиданд ва тафовуту монандии онҳо дарҷ мегардид, беҳтар мешуд.

Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ ва бартарафшаванда буда, арзиши илмии диссертатсияро коста намегардонанд.

Хулоса диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» кори таҳқиқотии пурмуҳтаво, арзишманд ва анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ,дотсент,
мудири кафедраи забонҳои хориҷии
МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино» Муҳамадиева З. А.

Имзои З. А. Муҳамадиеваро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати рушди кадрии МДТ
«Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино» Сафаров Б. И.

**Суроғаи муқарриз**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Сино, 29-31, МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино»
**Телефон**: (+992) 902997000
**E-mail:** zmuhamadieva@mail.ru